## 2.10. ТАВСИЯҲОИ ГААГА ДАР БОРАИ ҲУҚУҚҲОИ АҚАЛЛИЯТҲОИ МИЛЛӢ БА МАЪЛУМОТ ВА АРЗНОМАИ ТАВЗЕҲӢ

*Октябр, соли 1996*

**ПЕШГУФТОР**

**Дар қарори қабулкардаи худ, дар Хелсинки моҳи июли соли 1992, Созмони амният ва ҳамкориҳо дар Аврупо (САҲА), Мансаби Комиссарии олиро оид ба корҳо бо ақаллиятҳои миллӣ (КОАМ), ки мақсади асосии он мусоидат намудан ба пешгирии низоъҳо аз рӯи имконият дар давраҳои аввал аст, созмон дод. Созмони чунин мандат дар бисёр ҳолат аз худ харакатеро, ки дар Югославияи пештара рух дода буд, нишон медиҳад ва ба ақидаи баъзе аз нафарон метавонист ба дигар давлатҳои Аврупо хатар биёрад – махсусан, дар давраи гузариши сохтори ҷамъияти демократикунонии – ва ҳамзамон шикасти мақсадҳои расидан ба сулӣ ва густариш нишон медод, ки ин изҳороти сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо дар Хартияи Париж барои Аврупои нав аз моҳи ноябри соли 1990 қабулшуда, пешбинӣ шудааст.**

**1. 1 январи соли 1993 шаҳрванд Макс ван дер Стул ба вазифаи худ ба ҳайси аввалин Комиссари САҲА (ОБСЕ) оид ба кор бо ақаллиятҳои миллӣ, ба фаъолият шурӯъ кард. Ба таҷрибаи ғании худ, ки дар натиҷаи фаъолияти худ ҳамчун вакили парлумон, вазири корҳои хориҷии Нидерланд, намояндаи доимӣ дар СММ, ҳамчунин ҳимоятгари ҳуқуқи инсон дар муддати чандин солҳо, шаҳрванд Макс ван дер Стул ба диди баромадани ҳолатҳои зиёде, ки ҳангоми ва вуҷудоии ихтилофот байни ақаллият ва мақомоти марказии давлатҳои мухталифи Аврупо ба миён омада буд, ба ақидаи ӯ хатарнок буданд. Ҳамчун воситаҳои дипломатияи «хомӯшона»-ро ба роҳбарӣ гирифта, КОАМ ба ҳалли проблемаҳои як қатор давлатҳо, ба ҷумла Албания, Венгрия, Қазоқистон, Қирғизистон, Латвия, собиқ Македонияи давлати Югославия, Руминия, Словакия, Украина. Хорватия ва Эстония шурӯъ намуд. Диққати хешро ӯ пеш аз ҳама ба он ҳолатҳое равона мекард, ки ба намояндагони гурӯҳҳои миллӣ ва эттникӣ, ки дар муносибати сифатии аксарияти аҳолӣ дар як давлат ва ақаллиятро дар дигар давлат ташкил медоданд, мудохала мекард ва ҳамчунин ба манфиати ҳокимияти ҳарду давлат, ки сарчашмаи иқтидории шиддатнокии байнидавлатӣ ё ин ки ихтилофатро зоҳир мекард, мудохала карда шуда буд. Қайд кардан зарур аст, ки махсусан натиҷаи чунин шиддатнокӣ аз бисёр ҷиҳат масири таърихи аврупоиро дар гузашта муайян карда буданд.**

**Дида баромадани проблемаҳои ихтилофот бо ақаллиятҳои миллӣ алоқаманд буда, КОАМ дар ҳалли ин масъалаҳо ба сифати дахлнопазир, холис ва тайёр ба ҳамкории тарафҳо баромад мекунад. Аммо он дорои функсияҳои назоратӣ намебошад, ба меъёрҳои аз ҷониби ҳамаи давлатҳо эътирофшуда такя менамояд, ки ҳангоми таҳлил (анализ) аз ҷониби эшон ба сифати нуқтаи равоншуда ва дар асоси он пешбарии тавсияномаҳои мушаххас қабул мешаванд. Дар алоқа бо ин зарур ба ёдоварист, ки ӯҳдадориҳое, ки аз ҷониби давлат-иштирокчиёни САҲА – хусусан оид ба муқаррароти санади Копенгогении соли 1990 дар Конференсия оид ба арзиши инсонӣ қабулшуда, ки дар қисми IV он дар бораи ӯҳдадориҳо нисбати ақаллияти миллӣ мукаммал нишон дода шудааст, пешбинӣ шавад. Ҳамчунин қайд кардан шарт аст, ки ҳамаи давлат-иштирокчиёни САҲА бо ӯҳдадориҳои СММ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, иловатан ҳуқуқи ақаллият алоқамананд, ва бештар он аст, ки аксарияти давлатҳои САҲА ҳамчунин бо меъёрҳои Шӯрои Аврупо вобастагӣ доранд.**

**Баъд аз чаҳор соли фаъолияти муътадил КОАМ тавонист бештар вақт масъала ва мавзӯъҳои бахсноки пайдошударо, ки матлаби мавзӯи вай, ки дар давлатҳои таҳти фаъолияти он қароргирифта ҷорӣ шудаанд, гаштаст. Масъалаи маориф барои ақаллият, хусусан маълумот бо забони ақаллият ва ё омӯзиш байни ин масъалаҳо мавқеи баландро доро аст, зеро, мувофиқи дархости пешинаи КОАМ муайян гашт, ки «яқинан маориф – фактори муҳимтарин**

**дар пойдошт ва мустаҳкамгардонии мустақими намояндагони ақаллиятҳои миллӣ аст». Инро ба назар гирифта, КОАМ тирамохи соли 1995 аз Фонд оид ба муносибатҳои байнинажодӣ талаб кард, ки ба гурӯҳи на он қадар калони экспертҳои байналхалқии эътирофшуда барои тавсияҳо дар бораи истифодаи ҳуқуқи ақаллият ба маълумот ба тариқи муайян ва тартибӣ дар минтақаи фаъолияти САҲА муроҷиат намояд.**

**Фонд оид ба муносибатҳои байнинажодӣ – ташкилоти ғайриҳукуматие мебошад, ки соли 1993 барои иҷрои корҳои махсус барои расонидани ёрӣ ба КОАМ сохмон додашуда, - як қатор маслиҳатҳои машваратомези экспертҳо дар бораи масъалаҳои гуногуни мазкур, иловатан ду машварати дар Гаага бударо гузаронид. Дар ҳайати экспертон иштирок доштанд: А.Г. Бойд Робертсон, муаллими калони забони галлӣ, Донишгоҳи Стратклайд (Бритянияи Кабир); д-р Асбьорн Эйде, директори Донишкадаи Норвегӣ оид ба ҳуқуқи инсон (Норвегия); профессор Рейн Мюллерсон, роҳбари кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ, Кингс Коллеҷ (Британия Кабир); профессор Алан Росас, Донишгоҳи Або Академии (Финдландия); д-р Тове Скутнабб-Канггас, адъюнкт-профессор, факултети забонҳо ва фарҳанг, Донишгоҳи Роскилде (Дания); профессор Дьердь Шепе, факултети лингвистика, Донишгоҳи Яноша Паннониус (Венгрия); профессор Патрик Торнберрӣ, факултети ҳуқуқ, Донишгоҳи Кила (Британия Кабир); ш-д Йене ван дер Велде, мушовири калон оид ба барномаҳои омӯзишӣ, Донишкадаи Миллӣ оид ба коркарди барномаҳи омӯзиши (Нидерланд).**

**Азбаски меъёрҳои мазкур дар соҳаи ҳуқуқи ақаллият ба соҳаи ҳуқуқи инсон дахл доранд, нуқтаи асосӣ дар ин машваратҳо ба риояи ҳамаи дигар ҳуқуқҳои инсон, хусусан, озодӣ аз табъиз, аз ҷониби давлатҳо дода шуда буд. Экспертон ҳамчунин аз он баромаданд, ки охирулзамон ҳамаи хуқуқҳои инсон барои таъмини пурра ва озодона инкишофи шахсияти инсонӣ дар шароияти баробарӣ равона мешаванд. Минбаъд, дар назар дошта шуда буд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд кушода ва фаъол бошад, ва бо ҳамин тариқ, дар ҳолате бошад, ки ҳамаи шаҳрвандон, иловатан намояндагони ақаллиятҳои миллиро ҷамъ оварда тавонад.**

**Дар натиҷаи Тавсияҳо оид ба ҳуқуқҳои ақаллият ба маълумот пайдо шудани муқаррарот метавонад, ба воситаи дар муқоисаи забони оддӣ, моҳияти ҳуқуқи ақаллиятро ба маълумот кушода гардонад, ки бештар вакт дар ҳолатҳои КОАМ шикркаткунанда истифода мешаванд. Ба ғайр аз ин, ин меъёрҳо ба чунин тарз маънидод мешаванд, ки алоқаи онҳоро ҳангоми истифодабари таъмин намояд. Тавсияҳо ба ҳашт фаслҳо ҷудо шудааст, ки ҳар яке аз онҳо ба масъалаи дар соҳаи маориф дар таҷриба пайдогашта бахшида шудааст. Тафсири муфассали Тавсияҳо дар Қайдҳои Тавзеҳии ба он иловашуда дода мешавад, ки дар он ба меъёрҳои байналхалқии мазкур ҳаволакунии муайян дарҷ шудааст.**

Тавсияҳои Гаага оид ба ҳуқуқи ақаллитҳои миллӣ ба маориф.

Рӯҳияи санадҳои байналхалқӣ

**1. Ҳуқуқи намонядагони ақаллиятҳои миллӣ ба нигоҳдошти мавҷудияти худ метавонад пурра дар ҳолате амалӣ карда шавад, агар онҳо ба тариқи мукаммал омӯзиши забони худро дар ҷарраёни омӯзишӣ гирфита бошанд. Ҳамзамон намояндагони ақаллиятҳои миллӣ барои ҳамонҳангсозӣ дар ҷомеаи давлати худ ба воситаи гирфитани маълумоти кофии забони далватӣ ҷавобгар мебошанд.**

**2. Ҳангоми истифодаи санадҳои байналхалқӣ, ки метавонанд ба манфиати намояндагони ақаллиятҳои миллӣ равона шуда бошад, давлатҳо бояд аз принсипҳои асосии баробарӣ ва нагузоштани табъиз давра ба давра асос гиранд.**

**3. Дар назар доштан зарур аст, ки ӯҳдадориҳои байналхалқии муайян аз худ стандартҳои байналхалқии минималиро инъикос менамоянд. Маънидоднамоии маҳдуди ин ӯҳдадориҳо метавонист ба рӯҳия ва мақсадҳои он мухолифат кунад.**

## Чораҳо ва манбаҳо

**4. Давлатҳо бояд ба масъалаи ҳуқуқи ақаллият дар соҳаи маориф фаъолона назар намоянд. Дар ҳолатҳои зарурӣ давлатҳо бояд чораҳои махсус, яъне истифодаи максималии ҳама воситаҳои дастрас ва аз истифодаи ёрӣ ва ҳамкориҳои байналхалқӣ, хусусан дар соҳаи иқтисодӣ ва техникиро қабул намояд, то тавонад ҳуқуқи ақаллиятро оид ба маориф бо забони худ ва омӯзиши он фаъолона амалӣ намояд.**

## Ғайримарказонидан ва иштирок

**5. Давлатҳо бояд чунин шароитҳоеро барои ташкилотҳое, ки ақаллиятҳои миллии мазкурро намояндагӣ мекунанд, барои пурра имконияти иштирок дар коркард ва амалигардонии сиёсат ва барномаҳо, ки бо маориф барои ақаллиятҳо дахл дорад, созмон диҳанд.**

**6. Давлатҳо бояд ба мақомотҳои минтақавӣ ва маҳаллӣ салоҳияти муаянро дар соҳаи маориф барои ақаллиятҳо муқаррар кунанд ва бо ҳамин барои иштироки ақаллиятҳо дар ҷараёни сиёсат дар сатҳи минтақавӣ ё маҳаллӣ мусоидат намоянд.**

**7. Давлатҳо бояд чораҳое андешанд, ки иштироки волидон ва имконияти интихобиро дар низоми маорифӣ дар сатҳи маҳаллӣ, иловатан дар соҳаи маориф бо забони ақаллият ва омӯзиши онҳо ҳавасманд намоянд.**

## Муассисаҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ

**8. Мувофиқи ҳуқуқи байналмиллӣ намояндагони ақаллиятҳои миллӣ, инчунин дигарон ҳуқуқ доранд, муассисаҳои омӯзишии хусусии шахсии худро созмон диҳанд ва мутобиқи қонунгузории маҳалӣ онҳоро роҳбарӣ намоянд. Ин муассисаҳо метавонанд аз мактабҳои омӯзишии бо забони ақаллият низ иборат бошанд.**

**9. Бо ба инобат гирифтани ҳуқуқи намояндагони ақаллиятҳои миллӣ оид ба ташкил кардан ва роҳбарӣ намудани муассисаҳои омӯзишии худ, давлат набояд доштани ин ҳуқуқро бо роҳи вогузории талабботҳои ҳуқуқӣ ва маъмурии ғайриқонунӣ, ки ташкил ва роҳбарии чунин муассисаҳоро танзим менамояд, монеа шавад.**

**10. Муассисаҳои омӯзишии хусусӣ, ки забон ва ё бо забони ақаллият дарс мегӯянд, ҳуқуқ доранд, воситаҳои манбавии худро чи аз буҷаи давлатӣ, сарчашмаҳои байналмиллалӣ ва ё сектори хусусӣ бидуни монеашавӣ ва табъиз дарёфт намоянд.**

## Маълумотнокӣ барои ақаллиятҳо дар сатҳи ибтидоӣ ва миёна

**11. Солҳои аваали таълим аҳамияти натиҷавиро барои инкишофи кӯдак дорад. Тибқи тадқиқотҳо дар соҳаи маориф, забони модарии кӯдак забони омӯзишӣ дар давраи томактабӣ**

**ва дар боғчаҳои кӯдакона ба ҳисоб меравад. Давлатҳо ба қадри имкон бояд чунин шароитҳоро барои волидайн таъмин намоянд, ки онҳо интихоби худро нисбати он дошта бошанд.**

**12. Тадқиқоҳо инчунин нишон медиҳанд, ки барномаи дарсӣ дар макотиби ибтидоии воқеан бояд бо забони ақаллият омӯзонида шавад. Забони ақаллият ҳамчун фанни дарсӣ мунтазамона омӯзонида шавад. Забони расмии давлатӣ низ ҳамчун фанни дарсӣ мунтазамона аз тарафи муаллимоне, ки бо ду забон дарс мегӯянд ва хусусиятҳои фарҳангӣ ва забонии бавуҷудоии кӯдакро хуб медонанд, омӯзонида мешавад. Дар охири ҳамин давраи хониш якчанд фанҳои амалӣ ва ғайриназариявӣ бояд бо забони давлатӣ омӯзонида шаванд. Ҳаддалимкон давлатҳо бояд чунин шароитҳоеро барои волидон таъмин намоянд, ки истифодаи чунин имкониятро дошта бошанд.**

**13. Қисмати муҳими барномаи таълимӣ дар мактаби миёна бояд бо забони ақаллият бурда шавад. Забони ақаллият ҳамчун фанни таълимӣ бояд ба таври доимӣ бурда шавад. Забони давлатӣ низ ҳамчун фанни дарсӣ мунтазамона аз тарафи муаллимоне, ки бо ду забон дарс мегӯянд ва хусусиятҳои фарҳангӣ ва забонии бавуҷудоии кӯдакро хуб медонанд, омӯзонида мешавад. Дар муддати ҳамин давраи хониш шумораи фанҳои бо забони давлатӣ омӯзонидашаванда, тадриҷан зиёд карда мешаванд. Тибқи тадқиқотҳо, ҳарчанд ин имкониятҳо зиёд шаванд, ҳамон қадар барои кӯдак хуб аст.**

**14. Таъмини маълумотнокӣ дар сатҳи ибтидоӣ ва миёна бо забони ақаллият ва ё омӯзиши он, то дараҷаи муайян аз мавҷудияти муаллимоне, ки аз тафтиши тайёрии тамоми фанҳо бо забони модарӣ гузаштаанд, вобастагӣ доранд. Барои ҳамин натиҷаи аз ӯҳдадориҳои давлат ба вуҷудомада оид ба таъмин намудани имкониятҳои мазкур барои таълимот бо забони ақаллият ва ё омӯзиши он зарурати пешниҳод кардани шароитҳои мусоиди кофӣ барои тайёрии дахлдори муаллимон ва мусоидат намудан барои дастрасӣ ба чунин тайёрӣ ба вуҷуд меояд.**

## Таълимоти ақаллият дар омӯзишгоҳҳои касбӣ

**15. Таълимоти касбӣ бо забони ақаллият бояд ба фанҳои махсус дастрас бошанд, агар намояндагони ақаллиятҳои мазкур хоҳиш ва талабботҳои худро барои он пешниҳод карда бошанд ва агар чунин таълимот бо шумораи хоҳишмандон асоснок шуда бошанд.**

**16. Барномаҳои таълимии омӯзишгоҳҳои касбии бо забони модарии худ омӯзонидашаванда, бояд бо чунин кафолатҳое ташкил карда шаванд, ки донишҷӯён ҳангоми ба охир расидани ин барномаҳо тавонанд бо ихтисоси гирифтаи худ ҳам бо забона модарии худ ва ҳам бо забони давлатӣ кор кунанд.**

## Маълумоти олӣ барои ақаллиятҳо

**17. Маълумоти олӣ бояд ба намояндагони ақаллиятҳои миллӣ ба забони модариашон дастрас бошад, агар онҳо ба он эҳтиёҷот изҳор карда бошанд ва ё агар ин эҳтиёҷот бо шумораи хоҳишмандон асоснок карда шуда бошад. Маълумоти олӣ бо забони ақаллиятҳо метавонад бо роҳи ташкили шароитҳои зарурӣ дар сохторҳои мавҷудаи таълимӣ, ба шарте, ки онҳо эҳтиёҷоти намояндагони ақаллиятҳои миллии мазкурро ба минбаъд таври кофӣ қонеъ мегардонанд, дастрас бошад. Намояндагони ақаллиятҳои миллӣ метавонанд ҳамчунин роҳҳо ва воситаҳоро барои ташкили муассисаҳои маълумоти олии шахсии худ ҷустуҷӯ намоянд.**

**18. Агар ақаллияти миллӣ дар гузаштаи начандон дур муассисаҳои олии худро дошта ва онҳоро роҳбарӣ намуда бошад, ин ҳолат бояд ҳангоми муайян кардани моделҳои ояндаи таъминнамоӣ ба инобат гирифта шавад.**

Коркарди барномаҳои таълимӣ

**19. Бо назардошти муҳимият ва аҳамиятнокӣ, ки санадҳои байналмиллалӣ нисбати таълимоти байнифарҳангӣ, равшангардонии таърих, фарҳанг ва анъанаҳои ақаллиятҳо зоҳир менамоянд, муассисаҳои давлатии таълимӣ ӯҳдадоранд ба барномаҳои умумии таълимии ҳатмӣ дохил намудани омӯзиши таърих, фарҳанг ва анъанаҳои ақаллиятҳои дахлдори миллиро таъмин намоянд. Ҳавасмандгардонии намояндагони аксариятҳо ба омӯзиши забонҳои ақаллиятҳои миллӣ, ки дар қаламрави давлати мазкур зиндагонӣ менамоянд, ба мустаҳкамкунии тоқатфарсоӣ ва гуногунии фарҳанг дар давлат мусоидат мекунад.**

**20. Нигоҳдории барномаҳои таълимӣ барои намояндагони ақаллиятҳо бояд бо иштироки фаъоли ташкилотҳое, ки ақаллиятҳои дахлдорро намояндагӣ менамоянд, кор карда шаванд.**

**21. Давлатҳо ба ташкили марказҳои коркард ва аттестатсияи барномаҳои таълимӣ барои ақаллиятҳои миллӣ бояд мусоидат намоянд. Ин марказҳо метавонанд бо муассисаҳои мавҷуда алоқаманд бошанд, ба шарте ки онҳо тавонанд ҳаддалимкон ба расидани мақсадҳое, ки бо коркарди барномаҳои таълимӣ иртибот доранд, мусоидат намоянд.**

## ҚАЙДИ ТАВЗЕҲӢ БА ТАВСИЯҲОИ ГААГА ОИД БА ҲУҚУҚҲОИ АҚАЛЛИЯТИ МИЛЛӢ БА МАЪЛУМОТ

Пешгуфтор

**Эъломияи умумии ҳуқуқи башар соли 1948 асри навро кушода, санади нахустини байналмиллалие гашт, ки дар он маълумтнокӣ ҳуқуқи инсон эълон гардид.**

**Дар моддаи 26-и Эъломия маълум карда шудааст, ки маълумоти ибтидоӣ ҳатмӣ мебошад. Он давлатро ӯҳдадор месозад, ки маълумотнокии техникӣ ва касбиро ба ҳамагон дастрас гардонад, маълумотнокии олиро бошад, дар асоси муваффақият. Он ҳамчунин маънидод менамояд, ки мақсади маълумотнокӣ бояд пурра инкишоф додани шахсияти инсон ва мустаҳкам кардани эҳтиром ба ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ бошад. Дар моддаи 26 пасон гуфта мешавад, ки маълумотнокӣ ба инкишофи фаҳмиш, тоқатфарсоӣ ва дустии байни миллатҳо, гурӯҳи одамони баромади нажодиашон гуногун ва эътиқоди диниашон мухталиф ва ба нигаҳдории вахдат саҳм гузоштан мусоидат хоҳад кард. Он ҳамчунин қайд менамояд, ки волидон ҳуқуқи афзалиятноки интихоб намудани кадом маълумотнокиеро, ки фарзандонашон бояд гиранд, соҳибанд. Муқарраротҳои моддаи 26 ба таври афзалиятнок дар матни ҳуқуқи шартномавӣ такрор шудаанд ва муфассалтар дар моддаи 13-и Пакти байналмиллалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ.**

**Моддаи 26 хусусияти ошкорои ҳамаро фарогирандаи санадҳои минбаъдаи байналмиллалиро муайян намуд, ки дертар ба вуҷуд омаданд ва дар онҳо ҳуқуқ ба маълумотнокӣ барои ақаллиятҳо тасдиқ гардид ва пасон чи ба таври пурра ва чи қисман кор карда баромада шуданд.**

**Моддаи 27-и Паймони байналмиллалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ.**

**Моддаи 30-и Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак.**

**Моддаҳои боло зикрёфта ба ақаллиятҳо ҳуқуқи дар муносибат бо дигар аъзоёни гурӯҳҳои худ истифода намудани забони модариро кафолат медиҳанд. Моддаҳои дар зер зикршаванда, аз тарафи худ ба намояндагони ақаллияти миллӣ имконияти омӯхтани забони модарӣ ва ё омӯзиш бо забони модариро кафолат медиҳанд.**

**Моддаи 5-и Конвенсияи ЮНЕСКО оид ба мубориза бар зидди табъиз дар соҳаи маориф.**

**Параграфи 34-и Санади Копенгагении машваратии Конфронси САҲА (ОБСЕ) оид ба арзишнамоии инсонӣ.**

**Моддаи 4 Эъломияи СММ оид ба ҳуқуқҳои шахсоне, ки ба ақаллиятҳои миллӣ, этникӣ, динӣ ва забонӣ дохил мешаванд.**

**Моддаи 14 Конвенсияи Доиравӣ оид ба ҳимояи ақаллиятҳои миллӣ.**

**Ҳамаи ин ҳуҷҷатҳо ҳуқуқи ақаллиятҳоро дар сатҳи гуногун барои нигоҳдории мавҷудияти муттаҳидаи худ ба воситаи забони модариашон пешбинӣ менамоянд. Ин ҳуқуқ пеш аз ҳама ба воситаи маориф амалӣ карда мешавад. Вале ҳамин ҳуҷҷатҳо қайд месозанд, ки ҳуқуқи ақаллият барои нигоҳдошти мавҷудияти муттаҳидаи худ ба воситаи забони модариашон бояд ба ҷавобгарӣ барои ҳамгироӣ ва иштирок дар ҷомеаи шаҳрвандии васеъ дар мутобиқат бошанд. Чунин ҳамгироӣ ба даст овардани ҳам дониши даҳдор ва ҳам забон (-ҳо)-и давлатӣ аз ҷониби ҳамин ҷомеа талаб менамояд. Ҳавасмандагардонӣ ба сабр ва плюрализм низ қисматҳои асосоии ин ҷараён ба шумор меравад.**

**Дар санадҳои байналхалқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ки дар бораи маълумот бо забони ақаллият ва омӯзиши он гуфта мешаванд, то дараҷае номуайян ва умумӣ мемонанд. Онҳо сатҳи дастрасиро инъикос нанамуда, ҳамчунин дараҷаи омӯзишии забони модариашонро, ки бо кадом воситаҳо бояд дастрас шаванд муқаррар накардаанд. Чунин мафҳумҳо, ба монанди «имкониятҳои муайян» барои омӯзиши забони ақаллият ва ё гирфитани маълумот бо ин забон, ки ҳамчунон дар моддаи 14 Конвенсияи Доиравӣ оид ба ҳимояи ақалиятҳои миллии дар Шӯрои Аврупо қабулшуда, гуфта мешавад, бояд дар рӯҳияи ҷанбаҳои дигар баррасӣ шаванд. Онҳо дар худ зарурати ташкил намудани шароитҳои мутобиқро, ки барои нигоҳдорӣ, дастгирӣ ва инкишофи забон ва фарҳанг мусоидат менамоянд, чунончӣ дар моддаи 5-и ҳамин Ковенсия гуфта мешавад, ва зарурати қабули чораҳоро барои ҳимояи мавҷудияти этникӣ, фарҳангӣ, забонӣ ва динии ақаллиятҳои миллӣ, ки дар прагрconsiderafi 33 Санади Копенгагении машвартии Конфронси САҲА (ОБСЕ) оид ба арзишнамоии инсонӣ қайд мешавад, талаб намояд.**

**Новобаста аз дараҷаи дастрасие, ки давлати қудрати таъмини онро дорад, наметавонад ба тариқи худсарона муқаррар шуда бошад. Давлатҳо талаботҳои ақаллиятҳои миллиро, ки тадриҷан аз ҷониби ин ҷамъиятҳо пешниҳод ва пешкаш шудаан, бояд ба тариқи бояду шояд дар назар дошта бошанд.**

**Аз тарафи худ ақаллиятҳои миллӣ бояд кафолат диҳанд, ки талаботҳои онҳо мақбулона бошанд. Онҳо ба тариқи лозима, бояд чунин ҷанбаҳои адолатнокро, ба монанди шумораи мухсуси худи онҳо, мустаҳкамии демографӣ дар ҳар кадом минтақа (ё минтақаҳо), инчунин қобилияти нигоҳдошти замонавии ин муассисаҳо аз ҷониби онҳо, ба назар гирифта бошанд.**

**Дар муддати якчанд солҳо воситаи ташаккулёбии ҳуқуқҳои ақаллиятҳои дар санадҳо меъёрии байналхалқӣ ҷоришуда тағйиротҳои ҷиддӣ гирифт. Чунин ташаккулёбӣ ба истифодаи воситаи имлоӣ чун «… шахсоне, ки ба ақаллияти миллӣ дахл доранд, набояд аз ҳуқуқҳои… рад карда шаванд - », ки дар Паймони байналхалқӣ оиди ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (соли 1966) қайд шудаанд, ба нуқтаи назари бештар воқеӣ ва мусбӣ тағйир ёфтаанд. Мисоли инро метавонанд дар Санади Копенгагени машварати Конфронси САҲА (ОБСЕ) оид ба арзишнамоии инсонӣ (соли 1990) ёфт, ки гуфта мешавад: «… давлатҳо мустақилияти этникӣ, фарҳангӣ, забонӣ ва динии ақаллиятҳои миллиро хифз менамоянд». Ин тағйироти назарраси нуқтаи назар нишон медиҳад, ки шарҳдиҳии маҳдуд ва осонкардашуда ва рӯҳие, ки онҳои ба шакл даровaрда шудаанд мутобиқат намекунад.**

**Бо ин, дараҷаи дастрасӣ, бояд мутобиқи принсипҳои асосии баробарӣ ва нагузоштани табъиз, ки дар моддаҳои 1 Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид ва моддаи 2 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ба шакл даровaрда шудаанд ва ҳамчунин дар бисёр санадҳои байналмиллалӣ такроран омадаанд, муқаррар шуда бошад. Ҳамчунин бояд шароитҳои махсуси ҳар як давлат ба назар гирифта шавад.**

## Чораҳо ва манбаъҳо

**Ба давлатҳои иштирокчии САҲА тавсия дода мешаванд, ки ба масъалаи ҳуқуқҳои ақаллият воқеан назар намоян, яъне дар рӯҳияи моддаи 33 Санади Копенгаген, аз ҷиҳати қабули чораҳои махсус барои таъмини пуррраи баробарии аъзоёни ақаллиятҳои миллӣ онҳоро ҳавасманд мекунад. Ба ин маъно, моддаи 33 Санади Копенгаген талаб менамояд, ки давлатҳо мустақилияти этникӣ, фарҳангӣ, забонӣ ва динии ақаллиятҳои миллиро дар қаламрави худ ҳифз намоянд ва барои мусоидати нигаҳдории мустақилияти худ шароитҳоро муҳайё намоянд.**

**Дар баъзе ҳолатҳо давлатҳои иштирокчии САҲА бо маҳдудиятҳои ҷиддии буҷҷавӣ бармехӯранд, ки метавонанд ба қобилияти амалинамоии сиёсат ва барномаи маъорифии онҳо ба манфиати ақаллиятҳои миллӣ равона шуда, монеа шаванд. Вале баъзе аз ҳуқуқҳо бояд фавран амалӣ шаванд, давлатҳо бояд барои тадриҷан расидани пурра амалинамоии ҳуқуқҳои ақаллият ба маълумот бо забони худ ва омӯзиши он бо истифодаи максималии ҳама воситаҳои дастрас ва аз истифодаи ёрӣ ва ҳамкориҳои байналхалқӣ дар рӯҳияи моддаи 2 Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ кӯшиш намоянд.**

## Ғайримарказонидан ва иштирок

Моддаи 15 Конвенсияи Доиравӣ оид ба ҳимояи аққалиятҳои маҳаллӣ, параграфи 30-и Санади машварати Конфронси Копенгагенӣ оиди арзишҳои инсонии САҲА ва м. 3-и Эъломияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои шахсоне, ки ба ақаллияти миллӣ ва этникӣ, динию забонӣ тааллуқ доранд, зарурати иштироки ақаллияти миллиро дар ҷараёни қабули қарор қайд менамоянд, махсусан дар ҳолатҳое, ки масъалаи баррасишаванда ба ақаллият таъсири бевосита мерасонад,.

Иштироки самаранок дар ҷараёни қабули қарор, махсусан агар онҳо ба ақаллиятҳо таъсир расонанд, он гоҳ он қисми асосии раванди демократӣ маҳсуб меёбад.

Фаъолона шомил кардани волидон дар сатҳи маҳаллию минтақавӣ, инчунин иштироки фаъоли муассисаҳое, ки ақаллиятҳои миллиро дар раванди таълим намояндагӣ мекунанд, аз он ҷумла дар ҷараёни коркарди барномаҳои таълимӣ, ки ба ақаллиятҳо дахл доранд, бояд аз ҷониби давлатҳо дар рӯҳияи параграфи 35-и Санади Копенгагенӣ ҳавасманд гардонида шаванд, ки муҳимияти иштироки самараноки аъзоёни ақаллиятҳои миллиро дар корҳои давлатӣ қайд менамояд, аз он ҷумла дар проблемаҳои ҳимояи ақаллиятҳо ва ҳавасмандгардонии худ вуҷуддории онҳо.

## Муассисаҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ

Дар моддаи 27-и Пакти байналмиллалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ сухан дар бораи ҳуқуқи ақаллиятҳо ба истифодаи забони худ дар муомила бо дигар аъзоёни гурӯҳҳои онҳо меравад. Моддаи 13-и Пакти байналмиллалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳуқуқи волидонро дар интихоби дигар

мактабҳо барои фарзандонашон нибат ба он мактабҳое, ки давлатҳо барои онҳо таъсис додаанд, кафолат медиҳад. Он инчунин ҳуқуқи шахсон ва ташкилотҳоро ба таъсис додани дигар муассисаҳои таълимӣ ва идора кардани онҳоро то лаҳзае, ки онҳо ба стандартҳои минималии таълим, ки давлат муқаррар кардааст, мутобиқат мекунанд, кафолат медиҳад. Дар моддаи 13-и Конвенсияи ҳудудӣ дар бораи ҳимояи ақаллияти миллӣ оиди ҳуқуқи ақалият ба таъсиси муассисаҳои таълимотии шахсии худ ва идора кардани онҳо сухан меравад, гарчанде давлат ӯҳдадор нест, ки ин муассисаҳоро маблағгузорӣ намояд. Параграфи 32-и Санади Копенгагенӣ ба зиммаи давлат ӯҳдадории маблағгузорӣ намудани ин муассисаҳоро намегузорад, вале қайд менамояд, ки ин муассисаҳо метавонанд мувофиқи қонунгузории миллӣ дастгирии давлатро ҷустуҷӯ намоянд.

Дар Пакти байналмиллалӣ ҳуқуқи акалияти милли ба таъсис додани муассисаҳои худ ва идора кардани онҳо, аз он ҷумла дар соҳаи маълумотнокӣ, хуб асоснок карда шудааст ва ба ин шакл бояд эътироф карда шавад. Гарчанде давлат ҳуқуқи маъмурӣ ва мувофиқи қонунгузории худ ҳуқуқӣ аз болои ин раванд назорат кардан дорад, набояд ба соҳиб гаштани ин ҳугугҳо тариги вогузор кардани талабботҳои асосноккарданашудаи маъмурЪ, ки метавонад барои агаллиятҳои миллЪ сохмон додани муассисаҳои таълимии худро амалан иайриимкон гардонад, монеагЪ кунад.

Гарчанде, ки давлатҳо расман ӯҳдадор нестанд, ки ин муассисаҳои хусусиро маблағгузорӣ намоянд, набояд ба ин муассисаҳо дар ҷустуҷӯ кардани воситаҳо аз манбаҳои ватанӣ ва байналмиллалӣ монеагӣ намоянд.

## Таълими ақаллиятҳо дар сатҳи ибтидоӣ ва миёна

Санадҳои байналмиллалӣ, ки ба таълим бо забони ақаллият дахл доранд, эълон менамоянд, ки ақаллият натанҳо соҳиби ҳуқуқ ба дастгирии худвуҷуддории хеш тариқи забони модарӣ мебошад, балки онҳо ҳамчун ҳукуқи як шудан ва иштирок кардан дар ҳаёти нисбатан васеи ҷомеаи миллӣ тариқи омӯзиши забони давлатӣ доранд.

Аз гуфтаҳои боло бар омада, аз тарафи ақаллиятҳои миллии давлатҳои САҲА соҳиб шудани бисёрзабонӣ метавонад ҳамчун роҳи самаранок мувофиқат ба мақсадҳои санадҳои байналмиллалӣ, ки ба ҳимояи ақаллиятҳо, инчунин ба мақсадҳои онҳо дахл доранд, баррасӣ карда шавад. Тавсияҳое, ки ба маълумотнокии ибтидоӣ ва миёна дахл доранд, баҳри он равона шудаанд, ки ба пешбарӣ кардан дар инкишофи сиёсати маълумотнокӣ бо забони ақаллиятҳо ва ё омӯзиши онҳо ва дар амалӣ намудани барномаҳои дахлдор хизмат намоянд.

Чунин усул дар асоси тадқиқотҳо дар соҳаи таълимро тақозо дорад ва маънидодкунии амалии меъёрҳои байналмиллалии дахлдорро дар бар мегирад.

Самаранокии усули мазкур аз як қатор ҳолатҳо вобастагӣ дорад. Якумаш ин сатҳе мебошад, ки дар он ин усул забони бештар заифи ақаллиятҳоро тариқи истифода намудани он ба сифати воситаи омӯзиш қавӣ мегардонад. Дигар ҳолат ин сатҳе мебошад, ки дар он муаллимони ду забона дар тамоми ҷараёни омӯзиш шомил карда мешаванд.

Ғайр аз ин бояд сатҳеро ба назар гирифт, ки дар он ҳам забони ақаллият ва ҳам забони давлатӣ ҳамчун фанҳо дар муддати 12 сол омӯзонида мешаванд ва ниҳоят сатҳе, ки дар он ҳардуи забонҳо ба сифати воситаи омӯзиш тариқи бештар самаранокона дар давраҳои гуногуни таълими кӯдакро низ бояд ба инобат гирифт.

Усули мазкур саъю кӯшиши сохтани фазое, ки барои инкишоф додани забони нисбатан заифи ақаллиятҳо зарур мебошад, инъикос менамояд. Он зуд бо дигар усулҳое, ки мақсадашон забон омӯхтани ақаллиятҳо ва ё ҳатто амалӣ кардани маълумотнокии минималӣ бо забони ақаллиятҳо, танҳо барои осон намудани гузариши ибтидоӣ ба таълими истисноӣ бо забони давлатӣ мувофиқат мекунад.

Усулҳое, ки дар он курси таълим ба таври истисно бо забони давлатӣ омӯзонида мешавад ва кӯдакон, намояндагони ақаллиятҳо пурра ба синфҳои кӯдакони аксариятҳо ҷалб карда мешаванд, ба стандарти байналмиллалӣ мувофиқат наменамояд. Ин ҳамчунин ба мактабҳое низ дахл дорад, ки дар он таълим ба таври истисно бо забони модарии намояндагони ақаллиятҳо дар муддати тамоми ҷараёни омӯзиш амалӣ карда мешавад ва дар он ҷое, ки забони аксарият умуман дарс дода намешавад ва ё дар сатҳи минималӣ дарс дода мешавад.

## Таълим барои ақаллиятҳо дар омӯзишгоҳҳои касбӣ

Ҳуқуқи намояндагони ақаллиятҳои миллӣ ба омӯзиши забони модариашон ва ё омӯзиши онҳо бо забони модарӣ, ки дар Параграфи 34 Санади Копенгагенӣ мустаҳкам карда шудааст, бояд манои ҳуқуқӣ ба маълумоти касбӣ бо забони модарӣ аз рӯи фанҳои махсусро дошта бошад. Дар рӯҳияи баробарӣ ва бидуни поймолкунии ҳуқуқҳои давлатҳои САҲА бояд дастрасӣ ба он маълумотнокие бошад, ки дар он ошкоро ба ин раванд саъю кӯшиш доранд ва дар онҳое, ки бо шумораи хоҳишмандон асоснок карда шудааст.

Аз тарафи дигар қобилияти банақшагирӣ ва идоракунии сисёсати иқтисодию маорифи давлат набояд, ки маҳдуд карда шавад. Имконияти кор кардан аз рӯи ихтисос бо забони давлатӣ барои намояндагони ақалллиятҳо, ки омӯзишгоҳҳои касбиро хатм кардаанд, бартарӣ дорад. Ин ба онҳо имконият медиҳад, ки чӣ дар минтақае, ки ин ақаллият ҷойгир шудааст ва чӣ дар тамоми давлат кор кунанд. Дар арафаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ, ки гардиши озоди молҳо, хизматрасониҳо ва меҳнатро тақозо дорад, чунин маҳдуднамоӣ метавонад ба давлат мушкилиҳоро рочеъ ба мусоидат намудан ба имкониятҳои шуғлмандӣ ва инкишофи умумии иқтисодӣ пеш оварад. Бинобар ҳамин маълумоти касбӣ бо забони модарӣ барои ақаллиятҳои миллӣ бояд ба донишҷӯён низ чунин маълумотнокиро бо забони (забонҳои) давлатӣ ва ё омӯзиши онро (онҳоро) кафолат диҳад.

## Маълумоти олии ақаллиятҳо

Ба мисли ҳолати пештара ҳуқуқ ба омӯзиши забони модарӣ ва ё ба гирифтани маълумотнокӣ бо забони модарӣ, чи тавре ки дар параграфи 34-и Санади Копенгагенӣ мустаҳкам шудааст, метавонад ҳамчун ҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ ба маълумоти олӣ бо забони модарӣ фаҳмида шавад. Дар ин маврид принсипи баробарии дастрасӣ ва роҳ надодан ба табъиз низ ҳамчун талаботҳои ҷамъиятӣ ва шумораи кофии хоҳишмандон бояд ба инобат гирифта шавад. Ҳангоми аз тарафи давлат набудани маблағгузорӣ ҳуқуқи озодонаи ақаллиятҳо ба таъсиси муассисаҳои маълумоти олии худ набояд маҳдуд карда шавад.

Параграфи 33-и Санади Копенгагенӣ нақши муҳими давлатро натанҳо дар соҳаи ҳифзи ақаллиятҳои ба худ хос қайд менамояд, балки онро дастгирӣ менамояд. Аз гуфтаи боло бар омада, давлатҳо бояд имконияти дастрас кардани маълумоти олиро бо забони ақаллият, дар онҳое, ки барои ин эҳтиёҷот изҳор карда шуда буд ва дар онҳое, ки аҳолии ақаллият тасдиқ шудааст, баррасӣ намоянд. Дар ин матн маълумоти олӣ бо забони модарӣ набояд бо тайёрии муаллимон маҳдуд карда шавад.

Пас аз муайян кардани гуфтаҳои боло зарур аст, ки маҳдудиятҳои буҷетиро, ки бо онҳо давлатҳо махсусан дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ бармехӯранд, ба инобат бояд гирифт. Таъмини маълумоти олӣ бо забони ақаллият ҳаммаънои таъсис додани инфраструктураи мувозиро надорад. Ғайр аз ин, мустаҳкам намудани муассисаҳои мувозии таълимӣ метавонад ба худо кардани ақаллият аз аксарият мусоидат намояд. Моддаи 26-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар қайд менамояд, ки мақсади таълим ин мусоидатнамоӣ ба фаҳмиш, тоқатфарсоӣ ва дӯстии байни миллатҳо, гурӯҳи одамони баромади нажодиашон мухталиф ва эътиқоди динниашон гуногун мебошад. Дар ин рӯҳия ва бо дарк намудани зарурати ҳамгироӣ, вале аз якдигар худо накарда, бояд инкишофи маънавию фарҳангии ақаллиятҳо ва аксариятҳо ба амал ояд.

## Коркарди барномаҳои таълимӣ

Дар баробари ба охир расидани ҷангӣ дуюми ҷаҳонӣ шумораи санадҳои байналмиллалӣ зиёд гардид, ки ба мақсадҳои таълим диққати калон медиҳанд. Мувофиқи ин санадҳо маълумотнокӣ на танҳо баҳри таъмин намудани тайёрии таълимӣ ва ё техникӣ зарур аст, балки баҳри омӯхтани чунин арзишҳо, ба мисли тоқатфарсоӣ, гуногунақидақӣ, зидди нажодпарастӣ, инчунин саъю кӯшиш ба хушнавоии байналмиллаӣ ва байниҷамоавӣ. Чунин талаботҳои ошкоро ба давлатҳое, ки дар таркиби худ ақаллиятҳои миллӣ доранд, масъулияти махсусро вогузор менамоянд. Дар ин давлатҳо масъалаи ҳамзистии байни гурӯҳӣ ҳамзистии байни этникӣ ва розигӣ низ баҳри амнияти дохили фавқуллода муҳим мебошад. Чунин ҳамзистии якҷояги ва розигӣ низ ҳолати муҳим дар нигоҳ доштани сулҳ ва амният дар минтақа ба ҳисоб меравад.

Моддаи 4-уми Эъломияи СММ дар бораи ҳуқуқи шахсоне, ки ба ақаллиятҳои миллӣ ва ё этникӣ, диннӣ ва забонӣ дахл доранд, ба давлатҳо «дастгирӣ кардани донистани таърих, анънаҳо, забон ва фарҳангӣ ақаллиятҳоро, ки дар қаламрави он истиқомат менамоянд» муқаррар кардааст.

Моддаи 12 Коневенсияи ҳудудӣ дар бораи ҳимояи ақаллиятҳои миллӣ ба давлатҳо «дастгирии донистани фарҳанг, таърих, забон ва дини ақаллиятҳои онҳоро» муқаррар кардааст.

Дар параграфи 34 Санади Копенгагении машварати Конфронс оди ба арзишҳои инсонии САҲА (ОБСЕ) сухан дар бораи зарурати он шартҳое, ки дар барномаҳои макотибҳои давлатӣ «таърих ва фарҳанги ақаллиятҳои миллӣ ба инобат гирифта шавад» меравад.

Ин талабботҳо ба зиммаи давлатҳо масъулияти дар чаҳорчӯбаи барномаҳои мактабӣ додани имконият барои омӯзонидани таърих ва анъанаҳои мухталифи ақаллиятҳои миллӣ, ки дар қаламрави он истиқомат менамоянд, вогузор менамоянд. Мақомотҳои давлатӣ метавонанд яктарафа, бидуни ҳеҷ ягон ташвиш оид ба иштироки ақаллиятҳои дахлдор ба ин ҳадаф бирасанд. Чунин роҳи ҳалли ин масъала тавсияшаванда намебошад ва метавонад зараровар бошад.

Моддаи15-иКонвенсияи ҳудудӣ дар бораи ақаллиятҳои миллӣ, параграфи 30-и Санади Копенгагенӣ оид ба арзишҳои инсонии САҲА (ОБСЕ) ва моддаи 3-и Эъломияи СММ дар бораи ҳуқуқи шахсоне, ки ба ақаллиятҳои миллӣ ва ё этникӣ, динӣ ва забонӣ дохиланд, зарурати иштироки ақаллиятҳои миллӣ дар ҷараёни қабули қарор, махсусан дар ҳолатҳое, ки масъалаҳои баррасишаванда таъсири бевоситаро ба онҳо мерасонанд, қайд менамоянд.

Пайдоиши марказҳои коркарди барномаҳои таълимӣ бо забони ақаллиятҳо ба ин ҷараёни дутарафа мусоидат хоҳад кард ва сифату касбиятии онро таъмин менамояд.

## Муқарраротҳои хотимавӣ

Проблемаи ҳуқуқи ақаллиятҳо ба маълумотнокӣ дар яккатор давлатҳо-иштирокчиёни САҲА масъалаи ҳасос маҳсуб меёбад. Дар баробари он, тариқи ҷараёни таълимӣ ба эҳтироми ҳамдигар ва ба якдигарфаҳмии байни ҷамоаҳои мухталиф дар доираи давлатҳои иштирокчӣ мумкин аст самаранокона мусоидат намуд.

**Ба муносибати айни замон табиати нозук доштани ин масъала ва бо хусусияти каме номуайяну умумӣ доштани меъёрҳое, ки дар санадҳои гуногуни байналмиллалӣ оид ба ҳуқуқи инсон мавҷуданд, коркарди яккатор тавсияҳо метавонад ба хубтарфаҳмӣ ва усулҳои ҳалли масъалаҳои ҳуқуқи ақаллиятҳо ба таълим саҳм гузорад. Тавсияҳои Гаагаро ҳоло ба охир нарасидаанд. Онҳо баҳри истифода намудан ба сифати асоси умумӣ пешбинӣ шудаанд, ки метавонад дар ҷараёни коркарди сиёсати масъалаи маълумотнокии ақаллиятҳо ба давлатҳо кӯмак расонад.**